Падарам, нависанда ва рӯзноманигор, шодравон Аброр Зохир дар соли охири умраш мехост дар бораи кахрамони миллат Ширишох Шохтемур роман нависад. Ба ин максад, маълумоти зиёде чамъ овард. Аммо умр вафо накард ва чунин коре амалӣ нашуд. Иттифоко рӯзе дар хучраи кории падар чанд дастхат бо ин маълумот ба дастам афтод ва кӯшиш намудам, ки мурури шогирдонае ба рӯзгор ва фаъолияти ин абармарди таърихӣ ва Кахрамони Точикистон дошта бошам.

Маълумоти чамъовардаи шодравон падарамро дар бораи ин абармарди таърихӣ варакгардон намуда, маълумам шуд, ки дар бораи зиндагиномаи Шириншох Шохтемур маълумоти фаровони якхела ва умумӣ интишор ёфтааст. Муаллифон ба чузъиёти хаёту фаъолияти чамъиятию сиёсиаш хеле кам таваччух кардаанд. Хаёти ин арбоби чамъиятию сиёсӣ пурпечутоб ва пур аз хаводис аст. Тибки маъхазхо, Шириншох дар оилаи дехкон ба дунё омадааст. Харчанд ин оила тангдасту нодор буд, вале босаводу дорои чахонбинии хос. Ин дар холест, ки мавчудияти хиссачаи «шох» дар ному насаби оилавии онхо аз як сӯ ба шачараи ашрофзодагиашон далолат мекунад.

Шириншох аз хурдсолӣ дар мактаби русӣ тахсил карда, солхои гуногун дар идораю муассисахои империяи рус омӯзиш ва кор кардааст. Худи хамин далел ишорат ба он дорад, ки Шохтемур ба рагми бадгӯёнаш аз хаводиси олам, вазъи чомеа, низоми империяи рус ва таъсири он ба Осиёи Марказӣ огохии комил дошт. То инкилоби болшевикӣ Шириншохи чавон чонибдори афкори чавонбухориён буд. Вазъи сиёсию ичтимоии замон, гояхои наву он замон пешкадами сотсиалистӣ низ ӯро ба худ моил менамуд.

Фаъолияти сиёсии Шириншох Шохтемур аз мохи январи соли 1921, баробари пазируфтан ба узвияти хизби коммунистӣ, огоз шуд. Худи хамон сол (18 июл) бо супориши Кумитаи Ичроияи Марказии Чумхурии Мухтори Шӯравии Туркистон ба хайси узви сегонаи харбӣ – сиёсӣ барои таъсис ва бунёди кумитахои инкилобӣ (аввалин нишонахои хокимияти нави шӯроӣ) ба Помир омад ва ду сол дар ин чо фаъолият кард. Тавре таърих шаходат медихад, мавсуф дар идомаи фаъолияти худ бо дигар

хампаймонхояш масъалаи аз хама мухим - ташкили чумхурии мустакили Точикистонро пайваста дар миён мегузошт, ки чунин амали часурона дар замони шиддати пантуркизм кори сахлу осон набуд. Аммо талошу чонбозихои шабонарӯзии Шириншох ва дигар фарзандони фарзонаи миллати точик дар ин рох самар овард. Соли 1924 Чумхурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Точикистон ва нихоят соли 1929 Чумхурии Шӯравии Сотсиалистии Точикистон ташкил гардид.

Шириншох Шохтемур замони дар вазифаи котиби масъули Кумитаи хизбии вилоятии ЧМШС Точикистон, котиби дуюми КМ ХК (б) Точикистон ва раиси КИМ ЧШС Точикистон кор карданаш, барои  халли масоили мухими миллӣ харгиз донишу кувва ва имконоташро дарег намедошт ва барои ободию гулгулшукуфии диёраш - Точикистон хидматхои беназир кардааст. Вале талошхои эхёгарӣ ва миллатпарваронаи ин шахсияти тобноки таърих душманони халки точикро норохат мекард.

Ӯ хамчун рохбари хирадманду донишманд дар кушодани мактабхои шӯравӣ дар тамоми гӯшаю канори Точикистон чорӣ намудани тахсил ба забони модарӣ ташаббускори асосӣ буд. Ба хар гӯшаи Ватан сафар намекард, аввалин пурсишаш ин буд, ки «Шумо мактаб доред?». Зеро Шириншохи ватанпараст ба хубӣ дарк мекард, ки рушди босубот ва хамачонибаи Точикистон бе тарбияи кадрхои болаёкату босаводи миллӣ гайриимкон аст. Аз ин рӯ, замони рохбарии худ махви бесаводиро дар мехвари фаъолияти худ карор дода буд.

Шириншох худ шахси тахсилдидаву маорифпарвар буд. Аз 17 хуччати расмии мавчудаи шархихолиаш, дар 5 маврид касби худро коргар, дар 6 холат омӯзгор, дар 1 чой педагог ва дар 5 хуччати дигар корманди хизбӣ навиштааст.

Ба сахнаи сиёсат омадани Шириншох Шохтемур дар авчи муборизахои пантуркизм ва инкор намудани мавчудияти миллати точик ба икболи халки шарафманди мо буд. Харакатхои пантуркистӣ ва кӯшиши тахрифи таърихи халки точик Шириншохи миллатдӯстро ором намегузошт. Ӯ дар баробари Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Иброхим Исмоилов, Абдурахим Хочибоев, Саидахмад Анваров, Абдукодир Мухиддинов ва дигар равшанфикрони миллӣ ба воситаи мактубу мурочиатнома ба унвонии Бюрои осиёимиёнагии КМ ХК эътироф намудани хукуку манофеи миллии точиконро котеона талаб мекард. Яке аз чунин мисолхо «Гузориш ба Сталин дар бораи мавкеи маданӣ - ичтимоӣ ва иктисодии точикон дар Чумхурии Ӯзбекистон» мебошад.

Шириншох Шохтемур соли 1933 раиси Кумитаи ичроияи марказии Точикистон таъйин гардид ва дар ин вазифа то охири умр, яъне то соли 1937, фаъолият намуд. Бегумон ин арбоби сиёсӣ яке аз фаъолони дигаргунсозии хаёти сиёсиву иктисодӣ ва маданиву фархангии чумхурии навтаъсиси Точикистон ба шумор мерафт. Дар заминаи талошхои маорифпарваронаи ӯ соли 1931 нахустин мактаби олии кишвар - Донишкадаи Осиёимиёнагии меваю сабзавот таъсис ёфт, ки баъдан ба Донишкадаи хочагии кишлоки Точикистон (соли 1933) ва 10 августи соли 1992 ба Муассисаи давлатии «Донишгохи аграрии Точикистон» табдили ном кард. 20 октябри соли 2009 бо пешниходи Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бахшида ба 110 - солагии зодрӯзаш ба Донишгохи аграрии Точикистон номи Шириншох Шохтемур дода шуд.

Нуктаи догдори хаёти Шириншох Шохтемур ин буд, ки душманони миллат пайваста нисбаташ душманӣ меварзиданд. Ба номи ӯ тухматхои беасосу бардурӯг сохта, дар пайи эчоди дасиса алайхи ин фарзанди накуноми точик буданд. Ин буд, ки мунтахо душманони миллати точик ба вай тухмат заданд ва бо чурми хиёнат ба Ватан гунахгор карданд. Ӯро зимни як сафар ба Москва боздошт ва бо пушти по задани адолати таърихӣ мунтахо 27 октябри 1937 катл карданд. Вале таърих хамеша ба раванди ходисахо бахои вокеӣ медихад ва дар мисоли кору зиндагии шарафмандонаи Ширинишох Шохтемур ин хакикат тантана кард. Зеро бо гузашти чанд сол аз хукми катлаш сафед гардид.

Хидматхои шоёни ин фарзанди фарзонаи миллатро ба назар гирифта, бо Фармони Президенти Чумхурии Точикистон 27 июни соли 2006 ба Ширинишох Шохтемур унвони олӣ – Кахрамони Точикистон дода шуд ва  Донишгохи аграрии Точикистон номи ин абармарди таърихро ба худ гирифт.

Шахбоз АБРОР, «Чумхурият»

https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44274